# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Қурбонова Ширин Исмоиловна дар мавзуи: “Нақши Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи ватанӣ, пешниҳод гардидааст**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Имрӯз дар ҷараёни бозиҳои сиёсӣ ҷорӣ кардани демократия як навъ силоҳи бесубот кардани зиндагии халқҳо ва кӯшиши аз байн бурдани баъзе давлатҳои соҳиби сарвати табиӣ шудааст. Демократия аслан маънои ҳокимият ва волоияти иродаи халқро дорад, ки имрӯз, ба ақидаи баъзе таҳлилгарон, аз тарафи абарқудратҳо василаи таҳмил кардани манфиати геостратегии онҳо шудааст. Мо низ дар ибтидои Истиқлоли давлатии худ чунин манфиати пешбарии гурӯҳҳо ва ҳизбҳо, саргузашти талхи таърихиро аз сар гузаронидем. Дар чунин шароит созмон додани ҳизби нав, ки ба худ вазифаҳо ва ҳадафҳои асосии он ҳамчун неруи ояндасоз вусъат бахшидан ба равандиислоҳот дар тамоми самтҳои ҳаёти кишвар, таъмини сулҳу субот, якпорчагии давлату истиқлоли давлатӣ, рушди иқтисоди миллӣ, бунёди корхонаҳои азими саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва муҳимтар аз ҳама баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум мебошад, як падидаи тақдирсоз барои халқи тоҷик шуд.

Ибтидои қарни XXI ва пешрафти бесобиқаи илму технологияи муосир тағйироти куллӣ ва бунёдиеро дар ҳаёти рӯзмарраи ҷомеаи башарӣ ба бор овардаанд. Ҳодисаҳои солҳои охирро мушоҳида намуда, бисёр олимону сиёсатмадорон сари ҳастии инсоният андеша менамоянд.

Таҳлилу омӯзиши нақши Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019 аҳамияти илмӣ-амалӣ дорад.

**Сатҳи асосноккунии дастовардҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои** диссертант бо истифодаи дурусти усулҳои таҳқиқот дар асоси принсипи муносибати системавӣ, методҳои хулосабарории назариявӣ, таҳлилу синтез, таҳлили объективонаи фаъолияти Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019 имкон додаанд, ки диссертант ба мақсади асосии таҳқиқот - таҳлили маҷмуии таърихи фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва дар асоси таҳлили таърихнигории асарҳои илмии ба таърихи таъсисёбӣ ва фаъолияти ҲХДТ бахшидашуда баррасӣ ва таҳлили илмии барнома ва қарорҳои қабулнамудаи ҲХДТ ҷиҳати баланд бардоштани вазъи иҷтимоӣ, таъмини амнияти дохилӣ ва расидан ба се ҳадафи стратегӣ-

баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истиқлолияти озуқаворӣ, ноил гаштааст.

**Эътиборнокӣ ва навоварии илмии диссертатсия** аз он иборат мебошад, ки бори нахуст дар асоси ҷамъбасти адабиёти илмию оммавӣ дар панҷ гурӯҳ, масъалаҳои вобаста ба таҳлили маҷмуии таърихи фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар тӯли солҳои 1994- 2019 баррасӣ шудаанд, ки барои таҳлилу таҳқиқи ҳаёти сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон дар давраи мазкур аҳамияти илмию амалӣ доранд.

Таҳлилу пешниҳоди хулоса доир ба пайдоиши ҳизбу созмонҳо ва рақобатҳои онҳо барои ҳокимияти сиёсӣ ва инъикоси оқибатҳои фаъолияти ҳизбу созмонҳое, ки характери маҳалгароӣ ва мазҳабӣ доштанд, барои таърихнигории воқеънигории оянда аҳамияти хоса дорад.

Бори аввал барнома ва қарорҳои қабулнамудаи ҲХДТ ҷиҳати баланд бардоштани вазъи иҷтимоӣ, таъмини амнияти дохилӣ ва расидан ба се ҳадафи стратегӣ-баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истиқлолияти озуқаворӣ мавриди баррасӣ ва таҳлили илмӣ қарор доранд.

Ба назари мо дастоварди асосӣ инчунин баррасии адабиёти илмӣ, ки вазъи сиёсии даҳсолаи охири асри XX, махсусан таърихи таъсисёбӣ ва фаъолияти ҲХДТ-ро ба таври гуногун инъикос намудаанд, бори нахуст мавриди таҳлил қарор гирифта, аз нуқтаи назари илмӣ қиёсгузорӣ карда мешавад, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар он ифодаёфта дар таҳқиқотҳои минбаъдаи масъалаҳои омӯзиши таърихи фаъолияти ҲХДТ дар солҳои 1994-2019 ҳангоми навиштани мақолаҳои илмӣ доир ба таърих ва сиёсатшиносӣ истифода мешаванд.

**Яке аз дастовардҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад, ин исботи** барои маърифати воқеии масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсии мамлакат, махсусан фаъолияти минбаъдаи ҲХДТ имконият медиҳанд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ҳифз ва нигоҳ дошта шуда, бисёрҳизбӣ дар ҷомеа, ки асоси ҷомеаи демократиро ташкил медиҳад ба вуҷуд омада, тамоми аҳзоби сиёсӣ, матбуоти давлатӣ ва хусусӣ озодона фаъолият доранд ва муҳимтар аз ҳама Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари демократӣ, дунявӣ, ҳуқуқбунёд ва соҳибихтиёр тамоми сангарҳои дар наздаш бударо паси сар намуда, имрӯз ба пешравиҳои бузург мушарраф шудааст.

Бешубҳа рисолаи Қурбонова Ширин Исмоиловна дар мавзуи: “Нақши Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷумҳурӣ дар солҳои 1994-2019», дар илми таърихнигорӣ муваффақияти назаррас мебошад ва дар оянда барои пешрафти илми таърих ва сиёсатшиносӣ ҳамчун як дастури

